# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи “Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқу баррасии таҳаввули навини таълиму тарбия ва нақшу мақоми онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба таваҷҷуҳи хосаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ин масъалаи муҳим ва таҷдиди назар ба низоми фаъолияти онҳо ба яке аз самтҳои муҳими илмҳои педагогӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқони риштаҳои педагогика, таърих, фалсафа, адабиёт ва амсоли ин ба масъалаи таҳқиқи моҳияту муҳтаво, ташаккули таълиму тарбия ва таъсири он ба ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҳар нигоҳ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таълифоти шоистаи илмӣ ба қалам овардаанд. Хосатан, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва амалкарди он дар фосилаҳои гуногуни рушди илму техника, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур масъалаи заминаҳои илмии таҳқиқи масъалаи мазкурро низ аз ҳар ҷиҳат тақозо намуд, ки ин амр боиси ба миён омадани силсилаи таҳқиқот ва ҳатто рисолаҳои илмӣ ва илмӣ – оммавӣ гардид. Аз ин рӯ, ба масъалаи таҳқиқи заминаҳои илмию методии нақш ва аҳамияти истифодаи усулҳои муосир дар таълиму тарбияи мактаббачагони хурдсол мурочиат намудани унвонҷӯй Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар баробари ба яке аз самтҳои муҳими масъалаи мавриди назар - аҳамияти муҳим дар ташаккули сатҳи донишазхудкунии муҳассилини хурдсол ишорат намудан, аз анҷоми як рисолаи илмие дарак медиҳад, ки як самти тозаи таҳқиқотиро дар бар мегирад. Баррасии илмии фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ як самти амиқи таҳқиқи масъалаи марбут ба рушди салоҳияти касбии онҳо буда, ҷойгоҳи муҳими онро дар илми педагогика низ муқаррар месозад. Аз ин

рӯ, ин рисоларо бо тозагии мавзуи таҳқиқотии хеш метавон як кори муҳими самти баррасии аҳамияти истифодаи муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгор ва мавқеи он дар таълиму тарбияи насли наврас унвон кард, ки то кунун ба ин масъала камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳрасти адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, зарурати таҳқиқу баррасии масъалаи мавриди назар, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Боби аввали рисола **"Асосҳои назариявии салоҳияти касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун талаботи асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ"** унвон дошта, масъалаҳои аслии таҳқиқот дар се фасл мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бо таваҷҷуҳ бар ин ки фаъолияти пурсамари омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бо омодагии касбӣ ва салоҳияти касбии ӯ муайян карда мешавад, унвонҷӯ дар қисмати аввали баҳсҳои илмии хеш ба решаҳои таҳқиқи салоҳиятҳои касбӣ ва нақши он дар пешбурди кори таълиму тадрис муроҷиат намуда, бар асоси истифодаи бархе аз сарчашмаҳои илмӣ ин масъалаи муҳимро ба даврони дури таърихӣ нисбат додааст. Моҳият, таркиб ва мазмуни салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули умумитаълимии маҳоратҳои хонандагон ҳамчун истилоҳи педагогӣ метавонад бо кушодани мафҳумҳои якравиягиву якмаъногии "салоҳиятнокии касбӣ", "салоҳияти касбӣ", "касбият", "фаъолияти касбӣ" дар матнҳое, ки истилоҳҳои мазкур таркибан ва мазмунан ворид гардида бошанд, дарк карда мешавад. Маҳз ҳамин мафҳумҳо метавонанд маънои том, дастгоҳи категориявӣ диҳад, ки бо воситаи он фаъолияти касбӣ-педагогии омӯзгор дар ҳамаи самту пайдоишаш тавсиф дода мешавад.

Бо назардошти шинохти моҳияти кори таълим муаллиф нахуст ба шарҳу тавзеҳи мафоҳими меҳварии рисолаи хеш чун, “салоҳиятнокии касбӣ”, “салоҳияти касбӣ”, “касбият”, “фаъолияти касбӣ” ва амсоли ин пардохта, навъе шарҳу тавзеҳи илмии онҳоро ҳамчун истилоҳи педагогиву фалсафӣ ё фарҳангӣ баён доштаанд, ки ин амр низ ба ҷанбаи муҳими илмии рисола ишорат мекунад.

Дар баробари ин, дар меҳвари баҳсҳои илмии муаллиф дар ин қисмати рисола таҳқиқи ҷанбаҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ қарор гирифтаанд, муаллиф зимнан ба аҳамияти онҳо дар таълиму тарбияи наслҳои наврас низ руҷуъ намуда, ҳамзамон моҳият ва зарурати ин самти муҳими кори омӯзгорро барои боло бурдани сатҳи донишазхудкунӣ ва ташаккули малакаҳои эҷодии хонандагон нишон додааст.

Ба таври умум, унвонҷӯ марҳилаҳои таҳқиқоти рисолаи мазкурро тақсимбандӣ намуда, омили пешбарандаи кори таълим дар синфҳои ибтидоӣ унвон менамояд. Баъдан, дар рисола муҳаққиқ овардааст, ки муносибати босалоҳият ба таҳсилоти касбӣ ва такмили ихтисос ҳам ба дурнамои иҷтимоӣ дар соҳаи маориф ва ҳам ба манфиатҳои иштирокчиёни раванди таълим мувофиқат мекунад. Бо таҳияи мафҳумҳои дар илм муқаррар гардида, дар раванди такмили ихтисос доираи равиши салоҳиятнокӣ ба рушди салоҳияти касбии омӯзгор равона карда мешавад. Дар ин самт таъминоти ташкилию технологии ҷараёни баландбардории тахассуси муаллим дар асоси тақсимоти салоҳиятҳои махсус, умумӣ ва асосӣ, ки сатҳи баланду самаранокии фаъолияти касбию педагогии омӯзгорро кафолат медиҳанд, ин ҷо мо мехоҳем, системаи ягонаи гузоштани ҳадаф ва интихоби мундариҷаро маънидод намоем.

Муаллиф дар заминаи таваҷҷуҳ ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба хонандагон низ мурочиат намуда, барои боз ҳам боло рафтани ташкили кори таълим дар муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши муассир гузоштани ин самти афзалиятнокро таъкид кардааст.

Боби дуюми рисола **“Технологияи мукаммалгардонии мазмун ва сифати чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва шаклгирии муносибати ангезандагӣ”** унвон дошта, дар ин бахши рисола унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки бо такя бар таҷрибаҳои озмудашуда роҳҳои татбиқи салоҳияти касбӣ дар мундариҷаи таълиму тарбияи хонандагони хурдсолро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Муаллиф нахуст ба марҳилаи сифатан нави таҳаввули педагогӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, фароҳам овардани шароити мусоид ва зарурӣ барои ташаккул ва рушди шахсият дар заминаи арзишҳои миллии умумибашарӣ, дастовардҳои илмӣ ва амалро ҳадафи асосии таҳқиқот арзёбӣ намудааст. Натиҷагириҳои муаллиф дар заминаи таҳлили амиқи ин масъала имкон фароҳам овардааст, ки ӯ бо таъкид бар далелҳои қатъӣ ва ишорат бар самараҳои ин масъалаи муҳими кори таълим натиҷаҳои назаррасро соҳиб гаштааст. Дар баробари ин, таҳлилҳои амиқи вобаста ба ин масъала анҷомдодаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат ба сатҳи назарраси таҳқиқот ноил гаштан имконият фароҳам овардааст, ки дар тамоми зинаҳои маориф аз ҷумла, боғча, мактаб, донишгоҳ чунин салоҳият (салоҳияти касбии омӯзгор) ба мавзуоти аслии дарсҳои намунавӣ қарор бигиранд. Маҳз, ҳамин роҳи асили ворид гардидани ин гуна ҳамкорӣ ба мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, хоса нақшаи таълимии муассисаҳои маориф барои баланд бардоштани савияи донишазхудкунӣ ва рушди қобилияти донишазхудкунии мактаббачагон ва умуман насли наврас таъсири барҷаста мегузорад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти хеш ба хулосае расидааст, ки шарти асосии татбиқи вижагиҳои хоси салоҳияти омӯзгор дар раванди таълими хонандагони хурдсол пеш аз ҳама вобаста аст ба: донишҳои бойи омӯзгор; маҳорати касбии ӯ. Омӯзгорро зарур аст дар бораи

ташкили роҳу воситаҳои навини дарс огоҳӣ дошта бошад ва дар ҷараёни баргузории дарсҳо аз ин донишҳо самаранок истифодаи карда бошад. Ҷолиби диққат аст, ки дар рисола ин шарти муҳим тавассути гузаронидани озмоишҳо, ки дар ҷадвалҳои алоҳидаи рисола нишон дода шудааст, пеш аз ҳама дараҷаи саводнокии омӯзгорон ва мутахассисони оянда дар самти донишҳои педагогӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо дар чанд гуруҳҳои муайян муқаррар карда шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки дарс кори эҷодии омӯзгор аст, зеро ҷаҳонбинии ӯ тавассути дарсаш муайян мегардад. Таъкид кардан барҷост, ки дарси имрӯза набояд дар чаҳорчӯбаи муайян, аз рӯйи назарияи беамалия сурат бигирад ва омӯзгор низ набояд дар ин чаҳорчӯба маҳдуд монад.

Оинаи фаъолияти ҳар як омӯзгор, пеш аз ҳама дарс аст, дарси шоиставу пурсамар. Ҳарчанд доираи фаъолияти омӯзгор хеле васеъ аст, ҳамеша ва дар ҳама гуна вазъият дарс рукни асосии фаъолияти ӯ ба шумор меравад. Тавассути дарс, ки шакли муҳимтарини таълиму тарбия маҳсуб меёбад, омӯзгор ҳадафҳои ҳамарӯзаи худро вобаста ба ташкили дониши хонандагон дар амал татбиқ менамояд.

Беҳуда нест, ки педагогҳои варзида ва мактабшиносони маъруф дар бисёр маврид кӯшиш бар он кардаанд, ки мазмуну моҳияти дарсро тавзеҳ бахшанду ҳадаф ва сохтори асосии онро муайян намоянд. Дарс ҳамчун шакли муҳимтарини таълим таърихи дерин дорад ва давра ба давра ташаккул ёфтаву мукаммал гардидааст.

Омӯзгороне, ки ба курси бозомӯзӣ меоянд, қисман бо низоми парадигмаи тартибӣ-фаъолиятии дарс ошно ҳастанд. Бархе бо ин низом аз шабакаҳои интернетӣ шинос шудаанд, баъзеашон ба дарсҳои дигар ҳамкасбони худ иштирок намуда, бо чунин тартиб анҷом ёфтани дарсро бохабар гардидаанд. Дидактикаи муосир аксаран чи дар тасниф намудани дарсҳо ва чи дар ҷараёни гузаронидани дарсҳо муносибатҳои мураккабро пешниҳод менамояд.

Муҳаққиқ, дар хулосаи рисола таҳқиқоти ба даст омадаро натиҷабардорӣ намуда, ҷамъбаст ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба раванди такмили салоҳияти касбии омӯзгор дар ҷараёни таълими хонандагони хурдсолро баён кардааст. Унвонҷӯ дар асоси натиҷагирии рисолаи худ ба омӯзгорони оянда тавсия дода тавонистааст, ки вобаста ба рушди салоҳиятҳои касбӣ ва маҳорати касбии омӯзгор дар раванди корҳои таълимӣ, барои баланд бардоштани савияи донишҳо ва малакаҳо аз таҳқиқоти мазкур низ босамар истифода намоянд.

Дар умум, рисолаи Каримӣ Ш.А. кори анҷомёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи таълифи рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари комёбиҳои илмии таҳқиқоти мазкур барои боз ҳам такмил ёфтани арзиш ва аҳамияти илмии рисола чанд пешниҳод манзур мегардад, ки ба эътибор гирифтани онҳо ба салоҳи кори муаллиф хоҳад буд:

1. Хуб мебуд, муаллифи рисола ҳангоми истифода аз матолиби сарчашмаҳо, масалан "Гибкая технология проблемно-модулного обучения"-и Чошанов М.А. аз матни аслии онҳо, на тарҷумаҳои русии ин осор истифода менамуд.

2. Ҳарчанд дар рисола роҷеъ ба амсилаи муносибати ангезандагии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ изҳори назар шудааст, дар навбати аввал хуб мебуд, ки муаллиф матлабҳои таърихиро аз матнҳои сарчашмаҳои таърихӣ истифода менамуд.

3. Иштибоҳоти техникии саҳифаҳои 47, 51, 59, 63 ба эътибор гирифта мешуд, арзиши илмии рисолаи мазкурро дучанд боло мебурд.

4. Усули навишти номи муаллифони осор ва танзими феҳристи адабиёти рисола таҷдиди назар мехоҳад. Риояи талаботи таҳияи феҳрастҳо барои такмили ҷанбаҳои илмии рисола мусоидат хоҳад намуд.

Ин нуктаҳо танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро кам намесозанд.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо забони тоҷикӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳо ва дастурҳои методии таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 20 адад буда, аз он 4-мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, пурра инъикос мекунанд.

Дар умум, рисолаи илмии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзуи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди диссертатсияҳои номзадӣ ба қалам омада, муаллиф муваффақ бар он гардидааст, ки як мавзуи тоза ва мувофиқ ба талаботи рӯзро мавриди баррасӣ қарор дода, барои ташаккули қобилиятҳо эҷодкоронаи мактаббачагони хурдсол бар асоси корбурди унсурҳои салоҳиятҳои касбии омӯзгор пешниҳодоти мушаххас баён созад.

Аз ин рӯ, муаллифи рисола Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсенти кафедраи
методикаи таҳсилоти ибтидоии
факултети педагогикаи ДДОТ ба
номи Садриддин Айнӣ Ҷалилова Мавлуда Наҷмудиновна

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Телефон: +992(37) 224-13-83, E-mail: jmavluda@inbox.ru

Имзои М.Н. Ҷалиловаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС



8. 12. 2023